# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 оид ба дисертатсияи Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан дар мавзӯи: «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИМО,ГваЭ АМИТ) комиссия дар ҳайати д.и.т., профессор Азизов Р.О. (раиси комиссия), аъзоён: д.и.т., профессор Сафаров М.М. ва н.и.т., ходими калони илмӣ Давлатшоев С.Қ., ҷиҳати экспертизаи дисертатсияи Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан дар мавзӯи: «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия дар асоси протоколи №1-2 аз 01.09.2022 таъсис дод.

Комиссия кори диссертатсионии Расулзода Ҳ.Ҳ. баррасӣ намуда, ба хулоса омад, ки мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шӯро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, кори дисертатсионии Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан дар мавзӯи: «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ба талаботи қисми V «Экспертизаи диссертатсия дар шӯрои диссертатсионӣ», Замимаи 2 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., №267 ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

## Мубрамии мавзӯи таҳқиқот

Масъалаҳои арзёбии реҷаи гидрологии дарёҳо бо назардошти таъсири тағйирёбии иқлим ва омилҳои антропогенӣ дар мадди назари аввали ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ қарор дорад, ва дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тағйирёбиҳои иқлимӣ осебпазир аст, мубрамияти аввалия дорад.

Минтақаи ташаккулёбии дарёҳои Тоҷикистон, аз ҷумла ҳавзаи дарёи Панҷ ба минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон шомил гардида, омӯзиши пурраи хусусияти гидрологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ниҳоят муҳим мебошад, ки усулҳои мониторинг ва пешгӯии маҷрои онро дар маҷмӯъ муайян менамояд.

Дар мавзеъҳои кӯҳӣ дидбонгоҳҳои гидрологӣ, махсусан ҷиҳати арзёбии реҷаи гидрологии дарёҳо нақши муҳим мебозанд. Солҳои баъди Шӯравӣ бо сабаби масъалаҳои иқтисодӣ бисёри дидбонгоҳҳои гидрологӣ аз кор монда, баъзеяшон ҳангоми омадани сел тамоман аз миён рафтанд. Аз ин лиҳоз, истифодаи маълумотҳои омории солҳои қаблӣ барои моделкунонии реҷаи дарёҳо яке аз масъалаҳои умда то имрӯз боқи мондааст.

Муаллиф, Расулзода Ҳ.Ҳ. дар кори диссертатсионии худ аз амсилаҳои ҷаҳонӣ истифода бурда, бо маълумотҳои мушоҳидавӣ муқоиса намуда хулосабарорӣ намудааст.

Тағйирёбии иқлим солҳои охир боиси ба амал омадани гармии глобалӣ гардида, ба реҷаи гидрологии дарёҳо таъсири худро расонида истодааст. Олимони сайёра аллакай мавқеъи фаъолро вобаста ба мафҳуми иқлим дар гузашта ва оянда қабул карда, дар ин баробар онҳо ба мушоҳидаҳо ва амсилаҳои назариявӣ такя мекунанд. Вобаста ба самти назариявӣ ҳангоми муносибати илмӣ дар муқоисакунии маълумотҳои иқлимии солҳои пешин ва барои пешгӯиҳо дар оянда, ичунин барои муайян намудани сабабҳо ва оқибатҳо дар тағйирёбии иқлим дар аксари мавридҳо амсилаи физикии гардиши умумӣ истифода мешавад.

Дар робита ба ин аҳамияти аввалиндараҷа ба қазияҳои обшиносӣ, асосан ба масъалаҳои вобаста ба истифодаи захираи оби дарёҳои фаромарзӣ равона мегардад. Зарурияти омӯзиши захираҳои об дар робита ба ҳадафҳои рушди устувори тамоми минтақа ба миён меояд. Дар ин баробар диққати ҷиддӣ ба ҳавзаи дарёи Панҷ, шохоби бузурги Амударё, ки дар ҳудуди панҷ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгир мебошад, равона гардидааст.

**Мақсад ва вазифаи тадқиқот.** Мақсади мавзуъ тадқиқоти хусусиятҳои ташаккулёбии маҷро, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои обии дарёи Панҷ (шохоби асосии ҳавзаи дарёи Амударё) дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад муаллиф ҳангоми тадқиқот вазифаҳои зеринро пайгирӣ намудааст: таҳлили шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ; омӯзиши хусусиятҳои иқлим; ошкор намудани мушкилиҳо дар мавзеи ташаккулёбии ҳавзаи дарёи Панҷ; таҳлили тақсимшавии миқёсии захираҳои об; таъсири омилҳои антропогенӣ ба тағйирёбии хусусияти маҷрои ҳавзаи дарё; қонунияти умумии омили иқлимӣ ба тагйирёбии хусусияти маҷро; арзёбии таъсири шароитҳои тағйирёбии иқлимӣ, инчунин коҳишёбии майдони пиряхҳо ба маҷрои дарёи Панҷ.

**Навгониҳои илмие,** ба муаллиф муяссар гардидааст, бе шубҳа аз нигоҳи илмӣ асоснок шудааст, ва дар ҳамоишҳои илмии дохиливу бурунмарзӣ баррасӣ гардида, дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ, ба монанди маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаҳои сохтори Шохиси иқтибосҳои илмии Русия (ШИИР) ва Scopus нашр гардидаанд, ки гувоҳи гуфтаҳои болост.

Асоси навгониҳои илмии муаллиф аз: а) муайян намудани вобастагии миқдори боришот аз баландии мавзеъ дар ҳавзаи дарёи Панҷ

(тақсимшавии боришот аз рӯи мавсимҳо дар ҳавза); б) ҷараёни хусусияти иқлимӣ ва таъсири он ба шароити ташаккулёбии маҷро; в) тақсимшавии фосилавии захираҳои оби ҳавзаи дарё; г) таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳавза; д) арзёбии реҷаи гидрологӣ иборат аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқотҳои мавзуи мазкурро ҳангоми пешгӯии тағйирёбии нишондодҳои маҷрои об ва обнокии дарёи Панҷ дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим метавон истифода бурд. Маълумотҳо ва натиҷаҳои мавзуи мазкур метавонад барои мутахассисони илмҳои бо ҳам наздик (обшиносҳо, экологҳо, ҳифзи муҳити зист ва дигарҳо), инчунин барои ташкилотҳо ва мақомотҳои марбутаи соҳавӣ аҳамиятии муҳим дошта бошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаи тадқиқот дар муассисаҳои зерин истифода шуда, ҳуҷҷати тасдиққунанда ба даст оварда шудааст:

- дар Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои усулҳои обёрикунӣ бо назардошти тағйирёбии иқлим ва пешгӯии шароитҳои обуҳавошиносӣ истифода шудааст;
- дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, ҳангоми таълими донишҷӯён, ва иҷрои тадқиқотҳои илмии магистрон ва докторантони PhD истифода бурда шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** бадастомада аз тарафи махзани маълумотҳо, ҳангоми тадқиқотҳои ҳаҷми калони ченкуниҳои обшиносӣ ва нишондодҳое, ки дар ҳудуди ҳавзаи дарёи Панҷ ҷамъоварӣ шуда, ба даст омада, таъмин ва мувофиқат карда шудааast. Дар баробари ин таҳлили вокеъи ва муосири оморӣ, инчунин коркарди натиҷаи таҳлилҳо ба анҷом расонида шудааст. Таҳлилҳо тавассути амсилаи MOTCAO гузаронида шудаанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** аз интихоби мустақили самти таҳқиқот ва усулҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда иборат мебошад. Муаллиф бевосита дар барномаҳо ва лоиҳаҳои ба мавзуъ таалукдошта, дар ҷамъоварии маълумотҳо, таҳлил ва муҳокимаронии натиҷахои ба даст омада, омода намудани маводҳо барои нашр иштирок намудааст. Тасвияти хулосаҳои асосии мавзуи диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ иҷро шудаанд.

**Маводҳои дар кори диссертатсионӣ ҷойдодашуда** дар конференсияву симпозиумҳои илмии дохиливу бурунмарзӣ баррасӣ гардида, нашр шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки оид ба мавзуи диссертатсия 21 корҳои илмӣ, аз ҷумла: 1 монография; 4 мақола дар нашриётҳои такризшавандаи эътирофнамудаи КОА назди Президенти ҶТ, 17 мақола дар нашриётҳои хориҷӣ (3 мақола дар сохтори Scopus), 3 мақола дар сохтори Шохиси иқтибосҳои илмии Русия (ШИИР) ва 7 мақолаи яккамуаллифӣ нашр гардидааст.

**Муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳо омода намудааст.**

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии мавзӯи диссертатсия дар ҳамоишҳо, конференсияҳо ва семинарҳои

зерини байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза ва муҳокимаронӣ шудааст: Конфронсӣ байналмилалии илмӣ-амалӣ «Илм ва маорифи сохтмонӣ дар давраи муосир», (Душанбе, 2011); Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Усулҳои баланд бардоштани сифат ва мақсаднокии равандҳои истеҳсолӣ», (Душанбе, 2011); Семинари минтақавии ААСНА – АМИТ «Харитаи роҳ: гузариш ба иқтисоди сабз» (Душанбе, 2012); Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Инсон ва муҳити зисти Осиёи Марказӣ», (Чин, Урумчи, 2015); Конфронсӣ байалмилалии илмӣ-амалӣ «Об барои ҳаёт», (Чкалов, 2015), Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти онҳо дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон», (Душанбе, 2015); Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти онҳо дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон», (Душанбе, 2015); Форуми ҷамъияти шаҳрвандии Осиёи Марказӣ оид ба омодагӣ ба Форуми 8-уми умумиҷаҳоии об (Душанбе, 2018); Конфронси байналмилалии «Қазияҳои муосири математика ва замимаҳои он» (Душанбе, 2018); Конфронси байалмилалии илмӣ-амалӣ «Об барои рушди устувори Осиёи Марказӣ» (Душанбе, 2018); Конфронси ҷумҳуриявии «Об ва истифодаи он – қазияи глобалии муосир» (Хуҷанд, 2018); Конфронси ҷумҳуриявии «Пешвои миллат – ташаббускори ҳалли қазияҳои глобалии об» (Душанбе, 2018); Конфронси ҷумҳуриявии «Ҳаёт аз об сарчашма мегирад» (Ҳисор, 2018); Конфронсӣ байалмилалии илмӣ-амалӣ «Захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ: аҳамият, қазияҳо ва дурнамо» (Душанбе, 2018).

Кори диссертатсионии Расулзода Ҳ.Ҳ. ба **шиносномаи ихтисоси 25.00.27** – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мутобиқат мекунад.

**Асолати диссертатсия 89%** дар бар гирифта, маълумотнома оид ба асолат пешниҳод шудааст.

**Комиссия дар асоси баррасӣ тавсия медиҳад:**

1. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

2. Кори дисертатсионии Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан дар мавзӯи: «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди ИМО,ГваЭ АМИТ қабул карда шавад.

3. Комиссия пешниҳод менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

- доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи экологияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, Розиқов Зафар Абдуқаҳорович;

- номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи обтаъминкунӣ ва обихроҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Боқиев Боқӣ Раҳимович.

4. Комиссия пешниҳод менамояд, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба сифати муассиаи пешбар интихоб карда шавад.

5. Мутобиқи банди 60, Замимаи 2-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., №267 комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки эълони ҳимояи диссертатсияи Расулзода Ҳ.Ҳ. дар сомонаи расмии Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷой дода шуда, автореферат чоп ва мутобиқи муқарароти қабулшуда ирсол карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои техникӣ, профессор Азизов Р.О.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмхои техникӣ, профессор Сафров М.М.

номзади илмхои техникӣ, х.к.и. Давлатшоев С.Қ.

*Имзоҳои д.и.т., проф. Азизов Р.О., д.и.т., проф. Сафаров М.М. ва н.и.т., х.к.и. Давлатшоев С.Қ.-ро* ***тасдиқ мекунам.***

*Мудири Шуъбаи кадрҳо ва коргузории*
*ИМО, ГЭ ва Э АМИТ* Холназарова З.Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ